**Тақриз**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи “Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ пешниҳод шудааст**

Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович соли 2014 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2016 бомуваффақият хатм намуд. Пас аз хатми шуъбаи магистратура таҳсилашро ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогика идома дод. Унвонҷӯ дар назди кафедра таҳти роҳбарии банда рисолаи магистрӣ таҳия намуда, онро бомуваффақият дифоъ кард.

Рисолаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоии Раҳимов Ҷ.Х. бошад, идомаи мантиқии рисолаи магистриаш аст ва дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

Дар давраи кору фаъолияташ ҳам ба ҳайси магистр ва ҳам ба ҳайси унвонҷӯ ӯ худро ҳамчун шахси доимо дар ҷустуҷӯи ҳалли муаммоҳои илм ва маҳорати пайгиронаи касби хеш шуғл дорад. Ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-методӣ шавқу ҳаваси зиёд дорад. Вай донишҳои назариявии азхудкардаашро дар амал татбиқ намуда, онҳоро дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ мустаҳкам гардонида, ташаккул дод. Дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз дастовардҳои навини педагогика, психология ва методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ фаровон истифода кардааст. Ӯ дар раванди таҳқиқот аз методҳои гуногун самаранок истифода намудааст ва бо роҳбари илмӣ ва ҳамкасбонаш муомилаи хуб дорад.

Рисолаи таҳқиқотии Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи “Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика” барои дарёфти дараҷаи

илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ масъалаҳои мубрами рӯзро дар соҳаи методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоиро дарбар мегирад. Мубрамият ва замонавӣ будани мавзуи таҳқиқот аз он аён мегардад, ки то имрӯз ягон пажуҳиши махсуси мукаммал оид ба масъалаи таҳқиқотӣ дар ҷодаи таълими синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби олимону муҳаққиқон гузаронида нашудааст.

Рисолаи мазкур маҳз ба ҳамин масъала, яъне таҳлилу баррасии таълими математика дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии Ҷумхурии Точикистон бахшида шудааст, ки дорои аҳамияти муҳимми илмӣ, педагогӣ ва методӣ мебошад.

Диссертант, ки худаш дар муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи ба номи Асадулло Ғуломов"-и шаҳри Душанбе ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ кору фаъолият намуда истодааст. Ӯ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ташкили ҷараёни таълими математикаи синфҳои ибтидоиро дар муассисаи давлатии таълимии "Гиназияи ба номи Асадулло Ғуломов" ҳамаҷониба омӯхта, барои самаранок ва беҳтар шудани сифати таълими он дар муассисаҳои таълимии дигар тавсияҳои амалӣ диҳад.

Аҳамияти назриявии таҳқиқот ҳиссагузорӣ дар коркарди методикаи фанҳои табиӣ-математикӣ зимни амалисозии робитаи байнифаннӣ дар методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ иҷро шуд, ки боиси талаботи мувофиқаи маводи таълимии фанҳои табиӣ – математикӣ, методҳою шаклҳои ташкили фаъолияти таълимии азбаркардаи хонандагон меъёри ташаккулёфтаи донишҳои одитарини физикӣ ва шавқу ҳавас ба омӯзиши фанни физика мегардад.

Аҳамияти амалии тахқиқот иборат аз методикаи ташаккули донишҳои одитарини табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ коркард карда шуд, ки дар сохтору мазмуну мундариҷаҳои китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ истифода кардан мумкин

аст. Ин натиҷаҳоро дар омодагии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ дар донишкадаю донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ истифода кардан мумкин аст. Инчунин тавсияҳои методии пешниҳодшуда дар озмоиши педагогӣ санҷида шудааст, натиҷаи омӯзиш метавонад дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ барои донишҷӯён, магистрон, доктори фалсафа PhD, унвонҷӯён, омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ барои навиштани рисолаҳои хатми бакалаврӣ манфиатовар мебошад ва натиҷаи таҳқиқот албатта барои навиштани монографияҳо ва маҷмуаҳои тахассусии муҳаққиқони соҳаи педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ хизмат мекунад.

Оид ба натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷамъомадҳои зерини илмӣ-амалӣ ва илмӣ-методӣ маърузаҳо кардааст:

конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Проблемаҳои истифодаи технологияи иноватсионӣ дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ» бахшида ба татбиқӣ муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ (2018); конференсияи илмӣ амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Нақши ҳунарҳои миллӣ дар раванди таълиму тарбия" (2018); конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Таълими салоҳиятнокӣ дар тайёрии касбии омӯзгорони фанҳои умумитехникӣ" бахшида ба соли рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва мақоми байналмилалӣ гирифтани чакан (2019); маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас" (2019); конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ: вақеъият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии он" ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2019); конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Муносибати навин ба такмили мазмуни таҳсилоти томактабӣ дар шароити муосир (2019); конференсияи илмӣ-

амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Накшу ҳунарҳои мардумӣ дар рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ” бахшида ба соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солхои 2019-2021 (2019), конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ “Таҳсилоти томактабӣ: таҷриба, анъана ва навгониҳо” бахшида ба 50-солагии кафедраи назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ (2019); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ҳайати профессорон ва омӯзгорон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90 - солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ таҳти унвони “Оила ва фарҳанги оиладорӣ дар ҷомеаи муосир” (2020); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Муносибати инноватсионӣ ба ташкили раванди таълим дар шароити татбиқи стандартҳои нави таҳсилот” бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021); Проблемаҳои муосири методикаи таълими математика ва фанҳои табиӣ, маводи маҷмуаи илмӣ-амалӣ бахшида ба 70-солагии дотсенти кафедраи методикаи таълими математика М. Маҳкамов ва 60-солагии кафедраи методикаи таълими математика (2021).

Аз натиҷаҳои таҳқиқот 17 номгӯй мақолаҳои илмӣ чоп карда шуд, ки дар байни онҳо 5-тоаш ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Маводи нашркардаи муаллиф мазмуну муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи “Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, масъалаи мубрами рӯзро таҷассум менамояд. Рисола дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, ба меъёрҳои муайянкардаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D010200 -

Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ба ҳимоя пешниҳод менамоям.

**Роҳбари илмӣ**:
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ: Бегимов Ҳусен Худоёрович

bejimovhusen@gmail.com
734003, Ҷ.Т. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: +992-985-762-634

Имзои Х.Ҳ. Бегимовро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ: А. Мустафозода